# ТАҚРИЗИ

**муқарррizи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Давлатов Абдулмаҷид Нурович дар мавзуи “Вижагиҳои наҳвии “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Наҳв яке аз бахшҳои умдатарини илми забоншиносӣ ба шумор рафта, дар шинохти ҷавҳари асосии рушду такомул ва ташаккулу таҳаввули забон заминаи бисёр мусоидро фароҳам меорад. Зеро бе наҳв забон ё худ илми забоншиносиро тасаввур кардан имконнопазир аст. Бинобар ин, омӯзишу таҳқиқи ин бахши муҳимми илми забоншиносӣ барои амиқ дақиқ намудани рушду инкишофи забон аҳаммияти амалӣ ва назарӣ дорад.

Дар илми забоншиносии тоҷик аз тарафи донишмандони пуркори ин соҳа доир ба паҳлуҳои мухталифи наҳви забони тоҷикӣ корҳои арзишманди илмӣ рӯйи кор омадаанд.

Диссертатсияи номзадии Давлатов Абдулмаҷид Нурович тахти унвони “Вижагиҳои наҳвии “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус” саривақтӣ буда, барои муайян намудани хусусиятҳои фарққунандаи наҳвиёти забони тоҷикии асри XI кори арзишманд ба ҳисоб меравад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб бо фарогирии фаслу зерфаслҳо, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқии мавриди истифода таркиб ёфта, аз 172 саҳифа иборат аст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ** аз он иборат аст, ки барои такмил ва инкишофи солими забони адабии муосири тоҷикӣ таҳқиқи наҳвиёти осори беҳтарини адабиёти классикӣ маводи пурарзиш медиҳад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ** аз он иборат аст, ки вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, яъне тарзи ибораороӣ, хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои содаю мураккаб ва банди наҳвӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** аз он иборат мебошад, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик вижагиҳои наҳвии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар диссертатсия вижагиҳои корбурди воҳидҳои наҳв дар асар ба таври мушаххас ва бо усули оморӣ нишон дода шудааст.

Навигарии илмии рисола боз дар ин аст, ки таҳқиқи маҷмуи вижагиҳои наҳвию грамматикии «Қобуснома» манзараи забони адабии тоҷикро дар асри XI равшан намуда, шарҳу тавзеҳи масоили мавриди назар, қонунияту роҳҳои инкишофи таркиби луғавӣ, устувории сохти сарфию наҳвии забони адабии тоҷикиро нишон медиҳад ва дар ин замина нақши осори адабӣ ва адибони алоҳидаро ошкор менамояд.

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии кори таҳқиқӣ,** ки мавриди тақриз қарор гирифтааст, ба миқдори зиёди маводи илмиву бадеӣ, эътимоднокии адабиёти илмии забоншиносони ватаниву хориҷӣ, мушаххас будани маълумот, таҳлилу баррасӣ ва таснифоти маводи ҷамъоваришуда ва ҳаҷми зарурии интишороти илмӣ алоқаманд мебошад.

**Хулоса ва тавсияҳое,** ки аз натиҷаи таҳқиқи мавзуи интихобшуда баромадаанд, мазмуну муҳтавои ягонаи диссертатсияро фаро гирифтаанд. Онҳоро метавон ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ аз фанҳои луғатшиносӣ, маъношиносӣ ва наҳвшиносӣ истифода намуд.

**Аҳаммияти назарии диссертатсияи** мазкур дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҷанбаҳои назариявии шохаи наҳвшиносӣ, маъношиносӣ ва фразеологияи забони тоҷикиро ғанӣ гардонанд. Бар замми ин хулосаҳои диссертатсия сохтори наҳвии забони адабии классикии тоҷикиро дар як давраи муайяни таърихӣ, дар асоси маводи таҳлилшуда нишон медиҳад.

**Аҳаммияти амалии** кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мешавад, ки аз натиҷаҳои бадастомада метавон дар таълифи рисолаҳои илмии сатҳҳои гуногун, ҳангоми таҳияи фарҳангҳои тафсирию фразеологӣ, барнома ва

дастурҳои таълимии тахассусӣ, хондани курсҳои ихтисос аз риштаҳои поэтикаи наср, фразеология, луғатшиносӣ, маъношиносӣ ва сарфу наҳви забони тоҷикӣ истифода намуд.

Сохтори диссертатсия аз рӯйи талаботи рисолаҳои илмии зинаи докторӣ тарҳрезӣ шуда, аз қисматҳои муқаддима, бобу фаслҳои назриявию амалӣ, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳои илмии истифодашуда мураттаб гардидааст. Маълум мегардад, ки диссертант ҳангоми таҳияи диссертатсия ба осори фаровони илмиву бадеӣ таваҷҷуҳ намуда, аз аксари онҳо дар ҷараёни хулосабарориҳои илмӣ истифода кардааст.

Дар қисматҳои муқаддима ва тавсифи умумии таҳқиқ ҳама он бандҳои талаботи КОА, ки вобаста ба диссертатсияҳои риштаи филология дар назар дошта шудаанд, риоя гардидаанд.

Дар муқаддима доир ба мубрамият ва зарурати таҳқиқи масъалаи мазкур, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, ҳадафу объекти таҳқиқ, мавзуъ ва масъалаҳои диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, эътимоднокии натиҷаҳои он, заминаҳои методологӣ ва назариявии он, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии пажӯҳиш баён гардида, мақсад ва вазифаҳои асосии диссертатсия мушаххас шудаанд.

Дар диссертатсия бори нахуст дар забоншининосии тоҷик масъалаи вижагиҳои наҳвии “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус ба риштаи таҳлил кашида шуда, вижагиҳои корбурди воҳидҳои наҳв дар асар ба таври мушаххас ва бо усули оморӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор дода шудааст.

**Боби якуми** диссертатсия – «Хусусиятҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои сода дар “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус” унвон дошта, фарогири 5 фаслу 14 зерфасл буда, дар он вижагиҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои сода ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзуъ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Дар фасли якуми боби мазкур тахти унвони “Вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои содаи “Қобуснома” масъалаҳои умумии мавзуъ баррасӣ шуда, зикр шуда, аз рӯйи нишондони унвонҷӯ Унсурулмаолии Кайковус дар “Қобуснома” ҷумлаҳои содаи дутаркибаро нисбат ба ҷумлаҳои содаи яктаркиба бештар истифода кардааст.

Дар фасли дуюми боби якуми диссертатсия дар хусуси ҷумлаҳои сода аз ҷиҳати маъно ва оҳанг дар “Қобуснома” маълумоти муътамад дода шудааст. Унвонҷӯ дар фасли мазкур дар хусуси ҷумлаҳои содаи ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ ва хитобӣ маълумот дода, вижагиҳои наҳвии онҳоро ба таври густурда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Аз ҷумла, доир ба корбурди ин навъи ҷумлаҳо сухан ронда, таъкид менамояд: “Гурӯҳи асосии ҷумлаҳои содаи амрии “Қобуснома” –ро ҷумлаҳое ташкил мекунанд, ки маънои амр ва супориш доранд ва дар “Қобуснома” баъзан ин ҷумлаҳо ба воситаи пешванди **ма-** шакл мегирад. Ин пешванд ба амр оҳанги қатъият мебахшад” (саҳ.21).

Фасли сеюми боби якуми диссертатсия “Ҷумлаҳои содаи яктаркиба дар “Қобуснома” унвон дошта, муҳаққиқ дар фасли мазкур доир ба ин гурӯҳи ҷумлаҳо маълумот додааст. Дар фасли мазкур ҷумлаҳои навъи яктаркибаи номӣ ва яктаркибаи феълӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Аз таҳлилу баррасии масъалаи мазкур ба мо маълум гардид, ки таносуби ҷумлаҳои содаи яктаркибаи хуллас ва ҷумлаҳои яктаркибаи тафсилӣ баробар нест.

Зерфасли якум- “Ҷумлаҳои содаи яктаркибаи феълӣ” номгузорӣ шуда, ба таҳлилу баррасии вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои содаи яктаркибаи феълии асар бахшида шуда, дар он унвонҷӯ доир ба чаҳор хели ин навъи ҷумлаҳо: яктаркибаи феълии муайяншахс, умумишахс, номуайяншахс ва бешахс маълумоти амиқ пешниҳод менамояд.

Зерфаслҳои дуюм, сеюм ва чоруми фасли дуюми боби якуми диссертатсияро таҳлили вижагиҳои ҷумлаҳои содаи яктаркибаи феълии

муайяншахс, умумишахс, номуайяншахс ва бешахс ташкил медиҳад. Таҳқиқи вижагиҳои наҳвӣ дар “Қобуснома” собит намуд, ки гурӯҳи ҷумлаҳои содаи муайяншахс аз лиҳози мазмун, маънои грамматикӣ ва ғайра нисбат ба дигар навъи ин гурӯҳи ҷумлаҳо дар асар серистеъмоланд. Аз рӯйи маълумоти унвонҷӯ маълум мегардад, ки Унсурулмаолии Кайковус дар “Қобуснома” бештар ҷумлаҳои умумишахсеро истифода бурдааст, ки хабарашон дар шакли манфӣ омадааст: *Ситаду дод макун* (саҳ.30).

Фасли чоруми боби якум – “Ҷумлаҳои дутаркиба” ба баррасии вижагиҳои ҷумлаҳои содаи дутаркиба бахшида шуда, унвонҷӯ дар вақти таҳқиқи масаъалаи мазкур хусусиятҳои фарқкунандаи ҷумлаҳои содаи дутуркибаи “Қобуснома”-ро мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст.

Фасли панҷуми боби якум бо номи “Аъзоҳои ҷумла” фарогири вижагиҳои сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумлаҳои содаи “Қобуснома” мебошад. Дар зерфасли “Сараъзоҳои ҷумла” дар хусуси нақши сараъзоҳо дар ташкили ҷумла ҳамчун воҳиди наҳвӣ маълумот дода, доир ба вижагиҳои мубтадо ва хабар, инчунин роҳҳои ифодаи он ба таври муфассал маълумот медиҳад.

Дар зерфасли мазкур доир ба вижагиҳои пуркунандаҳо, аз ҷумла пуркунандаҳои бевосита ва бавосита муҳокима ронда, қайд мекунад, ки дар “Қобуснома” пуркунандаи бавосита хеле фаровон истифода шудааст. Дар ин бахш инчунин дар хусуси ҳолҳо ва вижагиҳои он изҳори назар карда, унвонҷӯ ба бардоште мерасад, ки “гурӯҳи ҳолҳо аз рӯйи маъно, муносибат ва тарзу воситаҳои алоқа дар “Қобуснома” ба навъҳои дар забони адабии муосири тоҷикӣ мустаъмал мувофиқат менамоянд” (саҳ.74).

Фасли шашуми боби якуми диссертатсия зери унвони “Тарзу воситаҳои алоқаи наҳвии калимаҳо дар ибора ва ҷумлаи содаи “Қобуснома” ба омӯзишу баррасии воситаҳои алоқаи наҳвӣ ва хелҳои он

дар асар бахшида шудааст. Унвонҷӯ дар зерфасли “Алоқаи пайваст ва хелҳои он” дар хусуси алоқаи пайвасти калимаҳо ва пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳам, хилофӣ, ҷудоӣ ва оҳанги пайваст маълумот медиҳад. Як нуктаи назари унвонҷӯ ҷолиби диққат аст: “Аз рӯйи таҳлили мавод ҳамаи аъзоҳои чидаи ҷумларо пайвандакҳои пайвасти пайиҳам бо ҳам алоқаманд намудаанд. Серистеъмолтарин пайвандак дар “Қобуснома” пайвандаки ***“ва”*** мебошад. Як вижагӣ ин аст, ки дар “Қобуснома” пайвандаки ***“ва”*** ба ҳар як аъзои чида меояд. Бо ҳамроҳии пайвандакии ***“ва”*** дар алоқаи пайвасти пайиҳами калимаҳо дар “Қобуснома” пайвандакҳои ***ҳам, на, чи...чи*** истеъмоли фаровон доранд” (саҳ. 98).

**Боби дуюми** диссертатсия “Ҷумлаҳои мураккаб дар “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус” ном дошта, панҷ фаслро дарбар мегирад. Дар ин бахши кор вижагиҳои сохторию маъноии ҷумлаҳои мураккаби “Қобуснома” мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Чи тавре ки аз муҳтавои боби мазкур маълум мегардад, дар “Қобуснома” дараҷаи истеъмоли ҷумлаҳои мураккаб бартарӣ дорад, чаро ки мазмуну муҳтавои асар инро тақозо менамояд. Дар боби мазкур инчунин ҷумлаҳои мураккаб аз нигоҳи сохтор, тарзу воситаҳои алоқа ва ифодаи муносибатҳои грамматикӣ, ки ба се навъ ҷудо мешаванд: ҷумлаи мураккаби пайваст, тобеъ ва омехта ҳамаҷониба мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад.

Дар фасли якуми боби дуюм таҳти унвони “Ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус” вижагиҳои корбасти ҷумлаҳои мураккаби пайваст баррасӣ шудааст. Дар фасли фавқуззикр муаллиф дар хусуси ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайиҳам, ҷудоӣ маълумот дода, вижагиҳои грамматикӣ, аломатҳои онҳо ва дараҷаи корбасти ин навъи ҷумлаҳои мураккабро дар “Қобуснома” ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Фасли дуюми боби дуюм -“Ҷумлаҳои мураккакби тобеъ дар “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус унвон дошта, дар он дар хусуси вижагиҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол сухан меравад.

Бояд гуфт, ки унвонҷӯ дар атрофи ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва ҷумлаҳои пайрави хабар ба таври муфассал маълумот додааст. Аз таҳлили маводи диссертатсия маълум мегардад, ки навъи ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва ҷумлаҳои пайрави хабар дар “Қобуснома” ба таври фаровон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар зерфасли боби мазкур дар хусуси ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда, пуркунанда ва ҳол низ маълумоти батафсил пешниҳод шудааст. Таҳлили мавод нишон дод, ки Унсурулмаолии Кайковус дар “Қобуснома” аз ин навъи ҷумлаҳои пайрав низ фаровон корбаст намудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар “Қобуснома” доираи истифодаи ҷумлаҳои пайрави ҳол низ фарох аст. Чи тавре ки муҳаққиқ қайд мекунад: “Дар ифодаи ҷумлаҳои пайрави сабаб ва хилофӣ дар “Қобуснома” саҳми асосиро пайвандакҳо мебозанд, аммо дар ҷумлаҳои пайрави шарт бошад, мутобиқати шаклҳои феълӣ-хабари сарҷумла ва хабари ҷумлаи пайрав аҳаммияти калон дорад”(саҳ 126).

Фасли сеюми боби дуюм “Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб дар “Қобуснома” унвон дошта, ба омӯзиши се қолаби аслии ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб ва ҳам қолабҳои фаръие, ки имрӯз дар забони адабиии меъёрӣ мустаъмаланд, бахшида шудааст.

Дар фасли чаҳоруми боби дуюм –“Вижагиҳои банди наҳвӣ дар “Қобуснома” мавриди баррасӣ қарор дода шуда, унвонҷӯ ҳангоми таҳқиқи ин масъала ба бардоште мерасад, ки “аз рӯйи таҳқиқоти мо дар осори пандуахлоқӣ банди яклухти наҳвӣ ниҳоят серистеъмол мебошад, ки ин ба муҳтаво, мақсаду ниятҳои муайяни ин гуна осор иртибот дорад.

Муаллифони осори пандуахлоқӣ порчаҳои яклухти насриро, ки як мазмуни пандуахлоқиро дар худ ғунҷондаанд, ба истилоҳи гуногун номгузорӣ кардаанд: чунончи: ҳикоят, фасл, фиқра" (саҳ.141).

Дар фасли панҷуми боби дуюм – "Тарзу воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаб дар "Қобуснома"-и Унсурулмаолии Кайковус "унвон гирифтааст. Дар он масъалаи воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ таҳлилу таҳқиқ шудааст.

Дар қисмати хулоса мазмуну муҳтавои диссертатсия ба тариқи фишурда дар 14 банди ҷудогона натиҷагирӣ шудааст.

Диссертатсияи мавриди назар дар баробари муваффақиятҳои арзишманд аз камбудиҳо орӣ нест:

1. Унвонҷӯ ҳангоми таҳлили мавод ба иштибоҳот роҳ додааст. Масалан, дар банди 8 зикр мекунад, ки "Ҷумлаҳое, дар таркибашон як пуркунандаву ду ҳол доранд, дар "Қобуснома" хеле каманд: *Вай дар хона нишаста бо канизакон хилват ҳамекард*" (саҳ. 42). Ба пиндори инҷониб, дар ҷумлаи мазкур як ҳол ("дар хона") ва як пуркунанда ("бо канизакон") истифода шудааст, феълҳои "*нишастан*" ва "*хилват ҳамекард*" хабари ҷумлаи мазкурро ташкил додааст.

2. Унвонҷӯ воҳидҳои наҳвӣ ва навъи алоқаи грамматикиро дуруст муайян ва мушаххас накардааст. Масалан, дар ҷумлаи "*Ба пирӣ сафар кардан аз хирад нест"* (саҳ.102) унвонҷӯ "**сафар кардан**"-ро ибора гуфта, алоқаи онро ҳамроҳӣ номидааст. Ҳол он ки "**сафар кардан**" феъли таркибӣ буда, дар таркиби ибораи масдарии "**ба пирӯ сафар кардан**" ҳамчун ҷузъи тобеъкунандаи ибора истифода шудааст.

3. Унвонҷӯ алоқаи мувофиқатро аз рӯйи ифодаи луғавию грамматикиашон ба се гурӯҳ: мувофиқати грамматикӣ, мувофиқати луғавию грамматикӣ ва мувофиқати грамматикӣ-маъноӣ ҷудо намудааст (саҳ.102). Ба

пиндори инҷониб, дар забони тоҷикӣ ба ҷуз ин се навъи алоқаи мувофиқат боз алоқаи грамматикӣ-структурӣ (созмонӣ) низ роиҷ аст.

4. Дар диссертатсия ба масъалаи мувофиқати муайянкунанда бо муайяншаванда низ дахл карда шуда, вобаста ба ин маводи зиёд таҳлил гардидааст. Маълум аст, ки дар забоншиносии тоҷик истилоҳи алоқаи мувофиқат дар муносибати наҳвии баъзе муайянкунандаю муайяншаванда низ қайд шудааст (саҳ.106). Ба андешаи мо, алоқаи ин гуна ибораҳоро ба алоқаи мувофиқат дохил намудан чандон дуруст нест, зеро онҳо бо роҳи алоқаи ҳамроҳӣ (15-20 нафар одамон) ва изофӣ (рамаи гусфандон) сохта шудаанд ва дар шакли ҷамъ омадани муайяншаванда ва муайянкунанда дар ибораҳои мазкур бо категорияи функсионалию семантикии ҷамъи номуайянии исмҳо алоқаманд аст.

5. Диссертатсияи мавриди назар босаводона навишта шуда, вале аз ғалатҳои имлоӣ, услубӣ китобатӣ ва техникӣ орӣ нест. Чунончи: а) ғалатҳои имлоӣ (с.5, 8,19, 30, 70, 81, 82, 113, 119 ); б) ғалатҳои услубӣ (с. 21, 23, 71, 78, 91,110, 119, 123); в) ғалатҳои китобатӣ (с..5, 8, 11, 20, 21, 25, 81) ; г) ғалатҳои техникӣ (1, 5, 21, 26, 33, 79, 89).

Бояд махсус қайд намуд, ки камбудиҳои ҷойдошта ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро муаллифи он вазифаҳои дар пеши худ гузоштаро бомуваффақият анҷом додааст.

Диссертатсия аз нигоҳи сохтор, муҳтаво, забон ва равиши таҳқиқ мукаммал мебошад. Сохтор ва муҳтавои автореферат бо рисола мувофиқати комил дошта, он ва мақолаҳои банашррасонидаи муаллиф мазмуну муҳтавои рисоларо пурра инъикос менамоянд.Диссертатсияи Давлатов Абдулмаҷид Нурович дар мавзуи “Вижагиҳои наҳвии “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус” ба талаботи бандҳои

32-35-и Тартиб додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои
гуманитарии МТД "Филиали Донишгоҳи
миллии таҳқиқотии технологӣ
"МИСиС" дар шаҳри Душанбе" Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович

"04" апрели соли 2024

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи
Фирдавсӣ, бинои 62, хонаи 9.
Тел.: (+992) 907-72-56-66
E-mail: aa. nozimov@mail.ru

Имзои А.А. Нозимовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои МДТ
"Филиали Донишгоҳи миллии
таҳқиқотии технологӣ "МИСиС"
дар шаҳри Душанбе" Зарипова М.А.

734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Назаршоев, 7

"04" апрели соли 2024